Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА 003
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)

**Тақриз**

ба автореферати Тоҷибоева Мавҷуда Негматовна дар мавзӯи: «Зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.11 – Иктисодиёти нуфус ва демография (илмхои иктисодӣ) пешниҳод гардидааст.

Муҳоҷирати меҳнатӣ ва зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари масъалаҳои чор ҳадафи гузошташуда ба монанди баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, истиклолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озукаворӣи аҳолӣ, саноатикунии босуръати мамлакат яке аз ҳадафҳои муҳими кишвар ба ҳисоб рафта, ҳалли саривақтии он мутобиқи талаботи даври муосир мебошад.

Раванди аз хориҷа баргашти муҳоҷирони меҳнатии кишварамон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳуроти нав мебошад ва бо мақсади ҳалли душвориҳои ҷойдошта ва батанзим овардани равандҳои муҳоҷират, инчунин ташкили механизми самараноки ҳамкориҳои байнии доравию байналмилалӣ ва бо ин роҳ баланд бардоштани обрӯю эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон дар дохил ва хориҷи кишвар, омӯзиши доимии масъалаи мазкур ва гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Аз мӯҳтавои автореферати Тоҷибоева М.Н. собит мегардад, ки кори мустакиман анҷомдодашудаи ӯ аҳамияти назариявию амалӣ дошта, ақидаи илмии иктисоддонҳои мактабҳои гуногуни иқтисодӣ мавриди омӯзишу таҳлил карор дода шуда, доираи фаҳмишу истифодаи онҳо васеъ карда шудааст.

Унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки, вазъи муҳоҷирати меҳнатии беруна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон наҷандон хуб аст ва барои ноил гардидан ба натиҷаҳои дилхоҳ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, ки масъалаҳои ҳалталаби имрӯзаро ҳарчи зудтар ҳаллу фасл намояд, зеро равандҳои муҳоҷират сол аз сол пурзӯр гардида, метавонанд ба ҳолати иҷтимоиву сиёсии давлат таъсир расонида бошанд.

Бартарии дигари автореферати унвонҷӯ дар он зоҳир мешавад, ки дар кори илмӣ таҳқиқотӣ унвонҷӯ сабабҳои асосии зиёдшавии муҳоҷирати меҳнатиро дар паст будани музди меҳнат ва ба талабот мутобиқ набудани ҷойҳои корӣ мебошад. Ин ҳолат барои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари вазъи демографӣ

бениҳоят зарур аст, ки ҳарчи самараноктар истифодаи захираҳои мавҷудаи қувваи кориро тақозо менамояд.

Бо вуҷуди он, ки шиносоӣ бо автореферат ҷиҳатҳои мусбиро дорост, баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар автореферати диссертатсия мақсадҳои мухталифи иҷтимоӣ-иқтисодии равандҳои муҳоҷират оварда шудаанд. Хуб мебуд омили ба ин равандҳо таъсиркунанда возеҳ арзӣ баён меёфт.
2. Дар автореферати диссертатсия ҷадвали 1 маълумот оид ба муҳоҷирони меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа дар давраи солҳои 2003-2020 оварда шудааст. Дар таҳлили дар ҷадвал овардашуда хуб мебуд мавқеъи географии муҳоҷирони меҳнатиро дар хориҷа муайян намоянд боз хубтар мешуд.

Ин эродҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши таҳқиқоти илмии кори илмиро коҳиш намедиҳанд. Аз ин лиҳоз ба хулоса омада метавонем, ки кори илмии таҳқиқотии унвонҷӯ Тоҷибоева Мавҷуда Негматовна дар мавзӯи «Зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар афзоиши байналхалқии қувваи корӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 - Иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иқтисодӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботҳои мавҷудбуда ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Тоҷибоева М.Н. сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ
ва аудити Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав,
номзади илмҳои иқтисодӣ Шодиев Б.С.

Имзои Шодиев Б.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ. А.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
☏: (+992-3222)24520, 2022253, E-mail:Ktsu78@ mail.ru